**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи доктории Рустамзода Саодат Рустам дар мавзуи "Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ. – Душанбе, 2026. – 487 с.**

Диссертатсияи Рустазода Саодат Рустам дар мавзуи "Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" ба яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии муосир – омӯзиши типологӣ ва муқобилавии низоми истилоҳот, хусусиятҳои муносибатҳои байнизабонӣ, масъалаҳои муодилнокӣ, бемуодилӣ, тарҷуманопазирӣ ва роҳу усулҳои интиқоли онҳо аз як забон ба забони дигар бахшида шудааст. Аз таҳлили мундариҷаи диссертатсия бармеояд, ки таҳқиқот ба доираи масъалаҳои марбут ба забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ, истилоҳшиносӣ ва тарҷумашиносӣ робитаи мустақим дорад. Дар меҳвари таҳқиқ муқоисаи ду низоми забонӣ - забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ қарор дошта, диссертант тавассути маводди воқеии забонӣ хусусиятҳои сохторӣ, луғавӣ-маъноӣ, дастурӣ, услубӣ ва фарҳангии истилоҳоти илмҳои гуманитариро дар ин ду забон муайян ва муқоиса намудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқ, пеш аз ҳама, аз он ҷиҳат ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқоисавӣ мувофиқат мекунад, ки дар он муносибати муқоисавии ду забони гуногунсохтор – тоҷикӣ ва англисӣ ба таври густурда истифода шуда, барои интиқоли маънои истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ имкониятҳои назариявӣ ва амалии муҳим фароҳам меорад. Забони тоҷикӣ ба гурӯҳи забонҳои эронӣ ва забони англисӣ ба гурӯҳи забонҳои германӣ мансуб буда, муқоисаи истилоҳоти илмии онҳо барои ошкор намудани монандиҳо, тафовутҳо, асимметрияи байнизабонӣ ва хусусиятҳои хоси онҳо мусоидат мекунад.

Ҷанбаи типологии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки диссертант танҳо ба муқоисаи шаклии истилоҳот маҳдуд нашуда, муносибати байни шакл, маъно, вазифа ва муҳити истифодаи истилоҳро дар ду забон ба назар гирифтааст. Дар диссертатсия, махсусан, ба масъалаҳои сермаъноӣ, омонимия, муродифпазирӣ, асимметрияи байнизабонӣ, «дӯстони назарфиреби тарҷумон», истилоҳ-реалияҳо, истилоҳҳои иқтибосӣ, калка, транслитератсия, шарҳи маъно, мутобиқсозӣ ва дигар роҳҳои интиқоли истилоҳот таваҷҷуҳ зоҳир шудааст.

Аз ин рӯ, метавон таъкид намуд, ки таҳқиқот на танҳо ба тарҷумашиносӣ, балки ба масъалаҳои марказии забоншиносии муқоисавӣ ва типологӣ низ робитаи ногусастанӣ дорад.

Мавзуи диссертатсия ба талаботи шиносномаи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқоисавӣ мутобиқат дошта, масъалаҳои зерини таҳлили муносибатҳои байнизабонӣ; муайян намудани умумият ва

фарқиятҳои забонӣ; омӯзиши асимметрияи забонӣ; таҳқиқи муодилнокӣ ва бемуодилӣ; муайян намудани роҳҳои интиқоли маъно дар раванди тарҷума; таҳлили хусусиятҳои фарҳангӣ ва миллии воҳидҳои забонӣ, муқоисаи сохтор ва низоми луғавии забонҳоро фаро мегирад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар шароити рушди босуръати муносибатҳои байналмилалӣ, густариши равобити илмӣ, таълимӣ, фарҳангӣ ва иттилоотӣ масъалаи интиқоли дурусти истилоҳоти соҳавиро аз як забон ба забони дигар ба миён мегузорад. Дар чунин шароит, истилоҳоти илмӣ ҳамчун воситаи асосии ифодаи мафҳумҳои соҳавӣ нақши муҳим дошта, сифати тарҷумаи онҳо бевосита ба сатҳи дақиқӣ ва фаҳмоии матн таъсир мерасонад. Масъалаи мазкур барои забони тоҷикӣ аҳаммияти бештар дорад, зеро рушди босуръати илм, муносибатҳои байналмилалӣ ва воридшавии мафҳумҳои нави илмӣ ба фазои илми тоҷик зарурати ташаккули низоми устувор ва муназзами истилоҳоти соҳавиро ба миён овардааст.

Муаллифи диссертатсия дуруст таъкид мекунад, ки дар раванди интиқоли истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ танҳо барқарор намудани мувофиқати луғавии байни ду забон кофӣ нест. Истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ, аксаран, бо мафҳумҳои фарҳангӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, фалсафӣ ва арзишӣ алоқаманд буда, дар матни муайян метавонанд маънои махсус ва тобишҳои иловагӣ пайдо кунанд.

Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқи методологияи тарҷумаи чунин истилоҳот масъалаи воқеан мубрами забоншиносӣ мебошад. Мубрамии таҳқиқот, инчунин, ба он вобаста аст, ки имрӯз муносибатҳои илмӣ миёни Тоҷикистон ва кишварҳои англисзабон густариш ёфта, шумораи матнҳои илмӣ, таълимӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, таърихӣ ва фарҳангии тарҷумашаванда меафзояд. Барои интиқоли дақиқи чунин матнҳо, донистани танҳо забонҳои муқоисашаванда кофӣ нест, зеро низоми истилоҳот, хусусиятҳои фарҳангии онҳо ва қонуниятҳои ташаккули маънои истилоҳӣ барои тарҷумаи мукаммал шароити мусоид фароҳам меорад.

**Дараҷаи навгонии илмии натиҷаҳои диссертатсия ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Яке аз ҷиҳатҳои асосии диссертатсия навгонии илмии натиҷаҳои он мебошад. Диссертант кӯшиш намудааст, ки масъалаи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитариро на танҳо аз мавқеи тавсифӣ, балки дар заминаи ташаккули низоми муайяни методологӣ баррасӣ намояд. Навгонии аввалини таҳқикро метавон дар муайян намудани робитаи байни низоми истилоҳот ва мушкилоти тарҷума арзёбӣ кард. Диссертант бар он асос қарор мегирад, ки мушкилоти тарҷумаи истилоҳот аз хусусиятҳои дохилии худи низоми истилоҳӣ сарчашма мегирад. Аз ҷумла, падидаҳои истилоҳгуна, истилоҳшавӣ, ҳазфи истилоҳ ва таҷдиди истилоҳ ҳамчун марҳилаҳое таҳлил шудаанд, ки метавонанд ба муносибати маъноии истилоҳ дар забони асл ва тарҷума таъсир расонанд.

Навгонии дигари назаррас таҳқиқи сермаъноӣ, омонимия, муродифпазирӣ ва асимметрияи байнизабонӣ ҳамчун омилҳои мушкилоти тарҷума мебошад. Ин падидаҳо дар забоншиносӣ қаблан низ омӯхта шудаанд,

аммо кӯшиши пайваст намудани онҳо ба методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ аҳаммияти махсус дорад. Масъалаи «дӯстони дурӯғини тарҷумон» низ дар доираи забонҳои тоҷикӣ-англисӣ аҳаммияти амалӣ дорад. Диссертант дуруст нишон медиҳад, ки монандии шаклии воҳидҳои забонӣ метавонад тарҷумонро ба интихоби маънои нодуруст водор созад. Яке аз ҷиҳатҳои қобили таваҷҷуҳи диссертатсия кӯшиши муайян намудани фарқияти методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ аз илмҳои табиӣ-риёзӣ мебошад. Диссертант бар он назар аст, ки истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ бештар ба мафҳумҳои абстрактӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ иртибот дошта, дар баъзе ҳолатҳо аз якмаъноии қатъии истилоҳӣ берун мешаванд. Зеро дар тарҷумаи истилоҳоти ҳуқуқӣ, сиёсӣ, таърихӣ ё диншиносӣ донистани танҳо маънои луғавии воҳид барои интихоби муодили муносиб кофӣ нест. Диссертант се мафҳуми асосӣ – метод, стратегия ва техникаи тарҷумаро аз ҳам ҷудо намуда, барои ҳар кадоми онҳо вазифаи муайян пешниҳод кардааст. Ин тақсимбандӣ барои ба низом даровардани мафҳумҳои методологии таҳқиқ аҳаммият дорад.

Аҳаммияти махсуси илмии диссертатсия дар таҳлили маводи воқеии ду асар – "Lost Enlightenment" ("Маърифати гумшуда")-и Фредерик Старр ва "Тоҷикон" ("Tajiks")-и Бобоҷон Ғафуров зоҳир мегардад. Истифодаи ин мавод имконият додааст, ки хулосаҳои назариявӣ бо далелҳои муътамад асоснок карда шаванд.

Диссертант таҳвилоти тарҷумаро ба се гурӯҳи асосӣ луғавӣ, дастурӣ ва услубӣ ҷудо намуда, усулҳои мушаххасгардонӣ, умумигардонӣ, калка, модулсозӣ, транслитератсия, транспозитсия, мутобиқсозӣ, ҷубронкунӣ ва шарҳи маънӣ ва дигар равишҳоро таҳлил кардааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда низ ба натиҷаҳои асосии таҳқиқ иртиботи мустақим доранд. Аз ҷумла, пешниҳоди фарқияти байни метод, стратегия ва техникаи тарҷума; муайян намудани робитаи мушкилоти тарҷума бо ташаккули низоми истилоҳот; таҳлили омилҳои тарҷуманопазирӣ; муайян намудани хусусиятҳои асимметрияи байнизабонӣ; гурӯҳбандии равишҳои тарҷумаи истилоҳоти соҳаҳои гуногун ва таснифи таҳвилоти луғавӣ, дастурӣ ва услубӣ натиҷаҳои муҳими таҳқиқ мебошанд.

**Дараҷаи омӯзиши мавзуи диссертатсияро** метавон қаноатбахш ва ба талаботи таҳқиқоти докторӣ ҷавобгӯ арзёбӣ намуд. Диссертант доираи васеи адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷиро истифода бурдааст. Дар диссертатсия осори муҳаққиқони тоҷик, рус ва хориҷӣ оид ба тарҷума, истилоҳшиносӣ, забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи муодилнокӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, дар қатори онҳо ба таҳқиқоти муҳаққиқони хориҷӣ такя карда шудааст. Таҳлили адабиёти илмӣ ба диссертант имконият додааст, ки заминаи назариявии таҳқиқро муайян намуда, мавқеи диссертатсияи худро нисбат ба таҳқиқоти қаблӣ мушаххас намояд. Диссертант кӯшиш кардааст, ки фарқияти таҳқиқоти худро аз корҳои қаблӣ нишон диҳад ва таъкид намояд, ки дар таҳқиқоти мавриди назар муносибати муқоисавии тоҷикӣ-англисӣ ва

фарқияти методологияи тарҷумаи истилоҳоти гуманитарӣ аз истилоҳоти илмҳои дақиқ ба марказ гузошта шудааст.

Дар диссертатсия ҳамчунин ба осори марбут ба ташаккул ва меъёргузории истилоҳоти тоҷикӣ таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Ин масъала барои таҳқиқи ҳозира муҳим мебошад, зеро бе муайян намудани таърихи ташаккули истилоҳоти тоҷикӣ ва роҳҳои истилоҳсозӣ наметавон хусусиятҳои тарҷумаи муосири онҳоро ба таври комил дарк кард.

Дар маҷмуъ, таҳлили дараҷаи омӯзиши мавзуъ нишон медиҳад, ки диссертант аз адабиёти соҳавӣ огоҳии хуб дошта, мавқеи таҳқиқоти худро дар байни корҳои қаблан анҷомёфта муайян кардааст.

Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва замимаҳо иборат мебошад. Чунин сохтор ба мантиқи таҳқиқ мувофиқ буда, марҳилаҳои асосии ҳалли масъалаи илмиро пай дар пай инъикос менамояд.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши масъала, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмет, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисос, саҳми шахсии диссертант, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳо, интишорот ва сохтори кор муайян гардидаанд.

Боби **якуми** диссертатсия таҳти унвони **“Таърихи ташаккули марҳилаҳои тарҷума ва мушкилоти тарҷумаи истилоҳот дар тарҷумашиносӣ”** ба таърихи ташаккули марҳилаҳои тарҷума ва мушкилоти тарҷумаи истилоҳот бахшида шудааст. Дар ин боб таърихи тарҷума дар муҳити форсу тоҷик ва Аврупо, намудҳои тарҷума, назарияи мутобиқати байнизабонӣ, дараҷаҳои муодилнокӣ ва низоми истилоҳот таҳлил мешаванд. Масалан, дар диссертатсия чунин оварда шудааст: “Таҳқиқи истилоҳот аз нигоҳи марзи маъноии он яке аз муҳимтарин хусусияти омӯзиши истилоҳ ба шумор меравад. Ҳар як истилоҳ чун воҳиди махсуси забон дорои вазифаи луғавӣ ва маъноӣ буда, марзи маъноии худро дорад. Дар раванди тарҷума ҳар як истилоҳро мебояд дар доираи марзи маъноии ҳамон истилоҳ таҳлил ва мафҳуми асосии онро пайдо намуд” (с. 26), ки қобили ҷонибдорист.

Боби **дуюм** бо унвони **“Мушкилоти тарҷуманопазирии истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар тарҷумашиносӣ”** масъалаҳои тарҷуманопазирии истилоҳоти илмҳои гуманитариро баррасӣ мекунад. Дар он истилоҳгуна, истилоҳшавӣ, ҳазфи истилоҳ, таҷдиди истилоҳ, сермаъноӣ, омонимия, муродифот, мутазод ва «дӯстони дурӯғини тарҷумон» мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Ба андешаи муҳаққиқ, “Мавҷудияти чунин воҳидҳои луғавии махсус дар баробари вуҷуд доштани истилоҳот дар раванди тарҷума мушкилоти зиёдро пешорӯ меоранд, зеро ин гуна воҳидҳо аз рӯйи маъно ва маҳдудияти истифодабариашон гуногунанд ва ҳамзамон ба якдигар монандӣ мекунанд. Мавқеи истилоҳ дар маркази воҳидҳои луғавии махсус ҷой дорад,

вале ғайр аз он воҳидҳои луғавие низ ба монанди *истилоҳгуна, номенҳо, протоистилоҳот (пешазистилоҳӣ), сленг, вожаҳои касбиву соҳавӣ ва раванди пешазистилоҳӣ* мебошанд, ки барои ҷараёни тарҷумаи матни илмӣ халалрасон мебошанд" (с. 95).

Боби **сеюм** дар мавзуи **"Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар тарҷумашиносӣ"** хусусияти методологии таҳқиқро инъикос намуда, ба метод ва стратегияҳои тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ ва фарқияти онҳо аз методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои табиӣ-риёзӣ бахшида шудааст. Дар боби мазкур методологияи тарҷумаи истилоҳоти гуманитарӣ муайян шуда, мавқеи истилоҳи "методология" дар тарҷумашиносӣ шарҳу тавзеҳ дода шудааст.

Боби **чорум** таҳти унвони **"Равиши тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** аз ҷиҳати ҳаҷм ва фарогирии маводди забонӣ яке аз қисматҳои асосии диссертатсия мебошад. Дар он тарҷумаи истилоҳоти даҳ соҳаи муҳимми илмҳои гуманитарӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтааст. Чунин тақсимбандӣ имконият медиҳад, ки хусусиятҳои соҳавии истилоҳот ва равишҳои тарҷумаи онҳо муайян карда шаванд.

Боби **панҷум** дар мавзуи **"Корбаст ва таҳлили истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар мисоли асарҳои "Lost Enlightment" ("Маърифати гумшуда")-и Фредерик Старр ва "Тоҷикон" ("Tajiks")-и Бобоҷон Ғафуров ва таҳвилоти тарҷумаи онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** натиҷаҳои назариявии таҳқиқро бо маводди воқеии тарҷумавӣ пайваст намуда, дар асоси асарҳои «Lost Enlightenment» ва «Тоҷикон» таҳвилоти луғавӣ, луғавӣ-дастурӣ ва услубии истилоҳоти илмҳои гуманитариро таҳлил менамояд, ки ҳусни диссертатсияро баланд бардоштааст.

Хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқро дар шакли 21 банди ҷамъбастӣ пешниҳод менамояд. Дар ин қисмат натиҷаҳои марбут ба таърихи тарҷума, муодилнокӣ, хусусияти низоми истилоҳот, тарҷуманопазирӣ, асимметрияи байнизабонӣ, метод, стратегия ва техникаи тарҷума, фарқи истилоҳоти гуманитарӣ аз истилоҳоти илмҳои дақиқ, инчунин, роҳҳои тарҷумаи истилоҳоти соҳаҳои алоҳида ҷамъбаст шудаанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ду монография ва 27 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 17 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтааст. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд. Теъдоди маводди чопкардаи диссертант ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсияи Рустамзода Саодат Рустам ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, тахти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Дар баробари комёбиҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба мушоҳида расиданд, ки барои ислоҳи минбаъдаи кори таҳқиқотии диссертант зикрашонро бамаврид меҳисобем:

1. Дар баъзе мавридҳо истилоҳҳои “метод”, “стратегия”, “равиш”, “техника” ва “таҳвил” ба ҳам наздик истифода шудаанд. Пешниҳоди муносибати байни ин мафҳумҳо дар шакли ҷадвали муқоисавӣ ё модели ягона ба манфиати кор мешуд;

2. Дар баъзе хулосаҳо фарқи байни истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ ва илмҳои табиӣ-риёзӣ хеле умумӣ баён шудааст. Ба андешаи мо, барои қавитар шудани ин натиҷаҳо истифодаи маълумоти миқдорӣ, масалан, шумораи ҳолатҳои калка, транслитератсия, шарҳи маънӣ ва дигар равишҳо дар ҳар ду гурӯҳи илмҳо судманд мебуд;

3. Мафҳуми “тарҷуманопазирӣ” дар баъзе ҳолатҳо ҳамчун хусусияти худи истилоҳ ба назар мерасад. Ба назари мо, байни бемуодилии луғавӣ, номувофиқии мафҳумӣ ва тарҷуманопазирии воқеӣ бояд ҳамеша фарқ гузошта шавад, зеро баъзе воҳидҳое, ки дар сатҳи луғат муодили мустақим надоранд, дар сатҳи контекст метавонанд тавассути муодили функсионалӣ ё тавзеҳӣ интиқол дода шаванд;

4. Дар баъзе қисматҳо истифодаи истилоҳоти “муодили функсионалӣ” ва “муодили динамикӣ” ҳамчун натиҷаи тарҷума шарҳ дода шудааст. Аз нигоҳи назариявӣ, муносибати байни “муодил” ҳамчун натиҷаи муқоиса ва “равиш” ҳамчун амали тарҷумонӣ метавонад боз ҳам возеҳтар ҷудо карда шавад;

5. Дар таҳқиқот масъалаи амалишавии метафора ва метонимия дар ташаккул ва рушди истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ ба таври муфассалтар баррасӣ карданро тақозо менамояд. Махсусан, муайян намудани механизмҳои маънофарӣ ва нақши интиқоли маъно дар раванди истилоҳсозӣ муҳим мебошад. Зарур аст, ки муаллиф нишон диҳад, ки метафора ва метономия дар кадом соҳаҳои илми гуманитарӣ бештар истифода мешавад ва онҳо чӣ гуна аз маънои умумии калима ба маънои махсуси истилоҳӣ мегузаранд.

6. Дар диссертатсия ва автореферати камбудиҳои имлоӣ, техникӣ, услубӣ ва грамматикиро мушоҳида кардан мумкин аст.

Эродҳои мазкур, асосан, хусусияти тавсиявӣ ва такмилдиҳанда дошта, ба арзиши илмӣ ва натиҷаҳои асосии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

Автореферати диссертатсия, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда ба нашр расонидааст, муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар мегирад.

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи **Рустамзода Саодат Рустам** дар мавзуи **"Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илм аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ сазовор мебошад.

Тақризи мазкур бо дарназардошти талаботи бандҳои 71 ва 72-юми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқаррizи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи лингвистикаи Филиали
Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В. Ломоносов
дар шаҳри Душанбе Сабирова Сановбар Ғаниевна

**Нишонӣ:** 734003, Ҷумҳурии Точикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи И. Соатов, хонаи 10, ҳ.1.
Тел.: (+992) 93-582-32-02
E-mail: ssanovbar@mail.ru

Имзои С.Ғ. Сабироваро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои махсуси
Филиали Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В. Ломоносов
дар шаҳри Душанбе Пирназар Сорбон Маҳмадназар

ФИЛИАЛ МОСКОВСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА ИМ. М.В. ЛОМОНОСОВА • ФИЛИАЛИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОСКВА БА НОМИ М.В. ЛОМОНОСОВА В Г. ДУШАНБЕ • ОТДЕЛ КАДРОВОЙ ПОЛИТИКИ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

**Суроғаи муассиса:** 734002, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1
Тел: (+99237) 2219902
E-mail: info@msu.tj

«4» 09 соли 2026